«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика-математика, дотсент Наҷмиддиниён А.М.
«18» сентябри соли 2024

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии докторанти шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Носиров Саъдулло Шукулоевич 20.03.1965 таваллуд шудааст. Хатмкардаи собиқ Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон) буда, фаъолияти меҳнатиро соли 1986 ба сифати омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №96-и шаҳри Ҳисор оғоз намудааст. Минбаъд то соли 2001 дар вазифаи муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбия ва директори ҳамин муассиса кор кардааст. Соли 2001 мудири шуъбаи маркетинг, директори Маркази таълимии «Садр», директори генералии Корхонаи фаръии корпоратсияи "SADR Ink."

(ИМА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноиби президент оид ба муносибатҳои байналмилалӣ ва котиби Шурои директорони Донишгоҳи байналмилалии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ бурдааст. Солҳои 2006-2010 дар вазифаҳои муовини декани факултаи дипломатия ва журналистикаи Донишгоҳи гуманитарии Тоҷикистон, декани факултаи муносибатҳои байналмилалӣ, муовини аввали ректор оид ба корҳои таълими Донишкадаи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ фаъолият намудааст.

Солҳои 2010-2024 мудири шуъбаи тарбия, сардори шуъбаи илм ва робитаҳои байналмилалӣ, сардори шуъбаи табъу нашри раёсати илм ва инноватсия, сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таъйин гардидааст. Аз 11 сентябри соли 2024 то ҳол сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими донишгоҳи мазкур, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ мебошад.

Носиров С.Ш. дар ин муддат ҳамчун ходими калони илмии сектори фанҳои ҷамъиятии Институти илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон фаъолият намуда, соли 2006 диссертатсияи илмиро дар мавзуи “Тарбияи шаҳрвандии хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои ҳуқуқи инсон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дар шурои диссертатсионии Институти илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон ҳимоя кардааст.

Баъдан то соли 2013 ҳамчун унвонҷӯ-докторанти шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурда, ба иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон” шуруъ кард.

Ба кори илмии ӯ доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Файз мушовири илмӣ таъйин шудааст.

Ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон”, хулосаи мушовири илмии унвонҷӯ, доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф. ва музокираву муҳокимаҳои илмии иштирокчиёни ҷаласаро шунида, ба чунин хулоса расид:

1. Ихтисос, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Носиров Саъдулло Шукулоевич ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 3* – “Антропологияи педагогӣ” (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – “Назария ва консепсияи таълим” (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот) ва ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат мекунад.

2. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Носиров Саъдулло Шукулоевич “Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон” ба самти афзалиятноки илми педагогикаи миллӣ – ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ робитаи бевосита дошта, ба амалисозии талаботи Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 ва Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати азхудкунии донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии насли наврас дар заминаи таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Аз ҳамин мавқеъ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Носиров С.Ш., ки дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми босазо гузошта метавонад, муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 63 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 номгӯй монографияи илмӣ, 4 номгӯй воситаи таълимию дастурҳои илмӣ-методӣ, 20 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 36 мақолаю маърӯза дар маҷмуаҳои маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ ва нашрияҳои педагогии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ, аз он ҷумла, мақолаҳои илмии зерини довталаб, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиясинамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар рӯйи чоп омадаанд, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд:

1. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Носиров, С.Ш. Яке аз омилҳои муҳимми ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. –Душанбе. – 2010. - №1-2. – С.63 - 72. ISSN 2222-9809.

[2-М]. Носиров, С.Ш. К постановке проблемы формирования обобщённых знаний в процессе обучения [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2010. - № 2. – С. 219 – 223. ISSN 2074-1847.

[3-М]. Носиров, С.Ш. Планирование, содержание и методика занятий по формированию интеллектуальных знаний обучаемых [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Университета (РТСУ). – Душанбе. – 2010. - №4(30). – С. 223-230. ISSN 2077-8325.

[4-М]. Носиров, С.Ш. Особенности усвоения научных законов при формировании интеллектуальных знаний [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. – 2011. - №6 (70). - С.377-381. ISSN 2074-1847.

[5-М]. Носиров, С.Ш. Роҳҳои самаранок сохтани субъекти ҷараёни таълим чун воситаи дидактикии ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2011. - №3 (39). - С. 268-274. ISSN 2219-5408.

[6-М]. Носиров, С.Ш. Особенности усвоения общих и конкретных понятий при формировании интеллектуальных знаний [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Московского государственного гуманитарного университета им. М.А. Шолохова. Серия «Педагогика и психология». - 2011. - №3. - С. 21-28. ISSN 1992-6391.

[7-М]. Носиров, С.Ш. Проблема формирования интеллектуальных знаний в практике обучения [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Российско-таджикского (славянский) университета (РТСУ). - 2011. - №2 (32). - С. 227-235. ISSN 2077-8325.

[8-М]. Носиров, С.Ш. Дидактические условия формирования интеллектуальных знаний [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. - 2011. - №7 (71). - С. 392-396. ISSN 2074-1847.

[9-М]. Носиров, С.Ш. Формирование познавательной активности учащихся в процессе освоения новых знаний, умений и навыков [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. - 2013. - №3/4 (115). - С. 208-214. ISSN 2074-1847.

[10-М]. Носиров, С.Ш. Пути решения проблемы формирования интеллектуальных знаний, умений и навыков у обучаемых в современных условиях [Текст] / С.Ш. Носиров // Вестник Педагогического университета. - 2013. - №4 (53). - С.-52-58. ISSN 2219-5408.

[11-М]. Носиров, С.Ш. Педагогические методы формирования интеллектуальных знаний, умений и навыков обучаемых [Текст] / С.Ш. Носиров // Вестник Педагогического университета. - 2014. - №6 (61) – С. 189-196. ISSN 2219-5408.

[12-М]. Носиров, С.Ш. Риояи принсипҳои дидактикии таълим – омили ташаккули донишҳои зеҳнии донишҷӯён [Матн] / С.Ш. Носиров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2015. - №3/3 (166) .- С. 241-245. ISSN 2074-1847.

[13-М]. Носиров, С.Ш. Соотношение обучения и потенциальных возможностей формирования у обучаемых интеллектуальных знаний, умений и навыков в процессе обучения [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Педагогического университета. – 2015. - №4 (65). -С.19-23. ISSN 2219-5408

[14-М]. Носиров, С.Ш. Состояние и уровень знаний, умений и навыков обучаемых в практике обучения [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. - 2016. - №3/4 (205). - С.148-152. ISSN 2074-1847.

[15-М]. Носиров, С.Ш. Содержание и сущность межпредметных связей по формированию интеллектуальных знаний обучаемых [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. – 2018. - №4. - С. 199-204. ISSN 2074-1847.

[16-М]. Носиров, С.Ш. Поиск и выявление потенциальных возможностей у обучаемых по формированию интеллектуальных знаний, умений и навыков [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. – 2019. - №4. – С.186-192. ISSN 2074-1847.

[17-М]. Носиров, С.Ш. Баъзе ҷанбаҳои ишкишофи зеҳнӣ ва нақши онҳо дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2020. - №4 (37). -С. 57- 64. ISSN 2222-9809.

[18-М] Носиров, С.Ш. Афзалиятнокии таълим дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон: назария ва амалия [Матн] / С.Ш. Носиров //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2021. -№4 (41). -С. 51-61. ISSN 2222-9809.

[19-М]. Носиров, С.Ш. Асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳои илмӣ ва донишҳои таҷрибаи ҳаётии хонандагони синфҳои болоӣ [Матн] / С.Ш. Носиров, Ф. Гулмадов //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2023. -№1 (46). – С. 141-147. ISSN 2222-9809.

[20-М]. Носиров, С.Ш. Фаъолияти мустақилонаи татбиқи салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ [Матн] / С.Ш. Носиров // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф – 2024. №1 – С. 26-38. ISSN 2617-5320.

2. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаи маводи конференсияҳо байналмилалӣ нашр шудаанд:

[21-М]. Носиров, С.Ш. К вопросу о роли и специфике обучения формированию у школьников интеллектуальных знаний, умений и навыков [Текст] / С.Ш. Носиров //Сборник научных трудов участников 1 Всероссийской заочной научно-практической конференции (с международным участием) 23 января 2013 года. Владимирский государственный университет им. А.Г. и Н.Г. Столетовых. Владимир, 2013. – С.141-151.

[22-М]. Носиров, С.Ш. Пути совершенствования урока в современной школе (на примере общеобразовательных школ Республики Таджикистан) [Текст] / С.Ш. Носиров //Сборник научных трудов участников III Всероссийской (с международным участием) научно-методической конференции. Владимирский государственный университет им. А.Г. и Н.Г. Столетовых. Департамент образования администрации Владимирской области. Городской информационно-методический центр г. Владимира УМЦ «Школа 2100» (г. Москва). Бердянский государственный университет (Украина). 3 апреля 2015. - Владимир, 2015. – С. 302-314.

[23-М]. Носиров, С.Ш. Дидактико-психологические особенности учебной деятельности учащихся старших классов [Текст] /С.Ш. Носиров //Материалы III международной научно-практической конференции на тему «Педагогическая диагностика: история, теория, современность». Ростовский государственный экономический университет (РИНХ)». Таганрогский институт имени А.П. Чехова (филиал) ФГБОУ ВО «РГЭУ (РИНХ)». – Таганрог, 29 марта 2024. - С. 295-300.

[24-М]. Носиров, С.Ш. Муаммоҳои ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон дар амалияи таълим ва роҳҳои ҳалли онҳо [Матн] /С.Ш. Носиров //Маҷмӯаи мақолаҳои Анҷумани илмӣ-амалии байналмиллалии “Хонишҳои V-уми Артуч” бахшида ба “Масоили мубрами илмҳои педагогӣ, иҷтимоӣ-гуманитарӣ ва фанҳои дақиқ дар замони муосир”, 4-6 июли соли 2023 дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. – Панҷакент, 2023 - С. 76-82.

3. Мақола ва маводе, ки дар маҷалла ва маҷмуаи маводи конференсияҳо чоп шудаанд:

[25-М]. Носиров, С.Ш. Нақши методҳои интерактивии таълим дар ташаккули донишҳои зеҳнии толибилмон [Матн] / С.Ш. Носиров // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои

табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040). – Душанбе. - 2020. -С.407-411.

[26-М]. Носиров, С.Ш. Роҳҳои ташкили таълими проблемавӣ ва нақши он дар ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026). – Душанбе. - 2022. –С. 591-597.

[27-М]. Носиров, С.Ш. Ташкили системаи дарсҳо, мавқеъ ва нақши он дар ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ дар мавзуи «Ташаккули механизми молиявӣ ва иқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» аз рӯйи натиҷаҳои корҳои илмию таҳқиқотӣ бахшида ба солҳои рушди саноат (2022-2026). – Душанбе. - 2023. – С. 438-442.

[28-М]. Носиров, С.Ш. Қобилиятҳои педагогии омӯзгор – муайянкунандаи муваффақияти азхудкунии донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Талаботи замони муосир ба қобилиятҳои педагогӣ-психологии омӯзгор". – Кӯлоб. - 2023. – С. 221-229.

[29-М]. Носиров, С.Ш. Алоқаи байнифаннӣ – омили эҷодкории хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров //Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2023, №7. – С. 37-42.

[30-М]. Носиров, С.Ш. Дарс – шакли асосии ташкили таълим [Матн] / С.Ш. Носиров //Маорифи Тоҷикистон. – Душанбе, 2023, №11. – С. 27-30.

4. Монография, васоити таълимӣ ва дастурҳои методӣ:

[31-М]. Носиров, С.Ш. Роҳу воситаҳои ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон. Монография [Матн] / С.Ш. Носиров. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 160 с.

[32-М]. Носиров, С.Ш. Педагогика. Маҷмуаи таълимию методӣ барои низоми кредитии таҳсилот [Матн] /С.Ш. Носиров, М.Д. Давлатова. – Душанбе: Эр-граф, 2014. -178с.

[33-М]. Носиров, С.Ш. Ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии муҳассилин дар раванди таълим. Дастури таълимӣ [Матн] / С.Ш. Носиров. – Душанбе: Сифат, 2018. - 148 с.

[34-М]. Носиров, С.Ш. Ягонагии омӯзиш ва амал. Воситаи таълимӣ [Матн] /С.Ш. Носиров. -Душанбе: Сифат, 2019. -148с. (дар ҳаммуаллифӣ).

[35-М]. Носиров, С.Ш. Педагогика ва психология. Воситаи таълимӣ [Матн] / С.Ш. Носиров. – Душанбе, Промэкспо, 2020. - 288 с.

[36-М]. Носиров, С.Ш. Назария ва амалияи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон (дар заминаи фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ). Монография [Матн] / С.Ш. Носиров. – Душанбе: Ирфон, 2021. - 256с.

[37-М]. Носиров, С.Ш. Асосҳои дидактикию психологии ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон. Монография [Матн] /С.Ш. Носиров. – Душанбе: Ирфон, 2023. - 348с.

4. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодкардаи довталаб дар раванди таълим дар синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 56, 67, 87, 88, 89, 91, 58 шаҳри Душанбе, муассисаи давлатии таълимии "Литсей барои хонандагони болаёқат" дар шаҳри Душанбе, №№ 5, 11, 96, 59, МДТ «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат»-и шаҳри Ҳисор ва МТМУ-и №34 ноҳияи Рӯдакӣ тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасвибу тасдиқ шудаанд.

Санадҳои татбиқи натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии дар боло зикршуда мавҷуд буда, самаранокии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ собит карда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, маърӯзаҳо дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, шуроҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ироа гардидаанд. Маводи диссертатсия дар Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва ҷаласаҳои шуроҳои иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор гирифтанд.

Натиҷаҳои пажуҳиш ва истифодаи хулосаю тавсияҳои методии муфид дар шакли монографияи илмӣ таълиф ва барои доираи васеи омӯзгорону хонандагон пешниҳод карда шуданд.

5. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зуҳур меёбад, ки ӯ масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоиширо дар омезиши дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмуи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст. Дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ тавассути ба анҷом расонидани корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои

бадастомадаро таҳлилу арзёбӣ намуда, оид ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот мақолаҳои илмӣ таҳия ва ба табъ расонидааст. Дар чорабиниҳои илмӣ ширкат ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаҳои ноилшударо ҷамъбаст ва дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Носиров Саъдулло дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ муҳим ва аҳаммияти мубрам дошта, довталаб дар раванди амалисозии мақсад ва вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда, дарвоқеъ, ба навгониҳои илмии зерин ноил шудааст:

Роҳу воситаҳои ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагонро дар заминаи таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ таҳлилу баррасӣ намуда, мазмун ва ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии онҳоро дар раванди дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардааст; модули нави "Низоми ташкили самараноки раванди таълим" ва "Низоми тадбирҳои пешгирии тарафҳои манфии таълим" ҳамчун дастури «Раҳнамои омӯзгор» ҷиҳати рафъи камбудию норасоиҳои донишҳои мунтазам пайдошуда, пешгирии саривақтии онҳо, мубориза бо донишҳои номураттаб таҳия ва пешниҳод намудааст.

Илова бар ин, татбиқи педагогии таъмини ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон таҳия ва тавсияву дастурҳои методӣ манзур карда шуданд. Шаклу усулҳои самараноки татбиқи педагогӣ ва дидактикии таъмини ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон муайян гардиданд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки таҳлили асосҳои назариявию методологӣ, илмию педагогӣ ва дидактикӣ анҷом дода шуда, модел (амсила)-и консептуалӣ, ки ба татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, таҳия гардидааст.

Бо назардошти вижагиҳои вазифаҳои таълим дар шароити муосир, пешрафти илму техника ва инноватсияи педагогӣ зарурати таҷдиди мақсад, мазмуну методҳои таълим ба миён омада, мубрамии мавзуъ ва муҳиммияти хосро касб намудани ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон дар низоми таҳсилот муайян карда шудааст.

Дар ин замина шароитҳое, ки фарогирии мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмиро ҷиҳати васеъ гардонидани доираи назар ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъмин месозанд, дар шакли барнома таҳия шудааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои назарию амалӣ, ки аз омӯзиш ва таҳлилу баррасии муфассали мавзуъ бармеоянд, метавонанд барои таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсии педагогӣ ва психологӣ, васоити таълимию дастурҳои илмӣ-методӣ ва дигар таълифоти илмӣ ва илмию оммавӣ муфид бошанд.

Технологияҳо, шароитҳои ташаккули донишу маҳорату малакаҳо, қобилиятҳои зеҳнию эҷодии хонандагон ва роҳу усулҳои нави татбиқи онҳоро дар амалияи таълим мавриди истифода қарор додан мувофиқи мақсад аст.

Омӯзиши амиқи талаботҳои татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагонро дар заминаи тамоми фанҳои мактабӣ дар шароити таҳсилоти муосир ба роҳ монда, дар барнома ва нақшаҳои омӯзишии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ҷой додан ба манфиат хоҳад буд.

Ҳамзамон, тарзҳои таҳлили илмӣ-методии дарс ва аҳаммияти иштирок ба дарсҳоро, ки дар асоси талаботи татбиқи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон муқаррар карда шудаанд, ба роҳбарияти мактабҳо, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорон манзур кардан мумкин аст.

Пажуҳишгарону унвонҷӯён, омӯзгорону методистон ва дигар алоқамандони соҳаи таълиму тарбия метавонанд зимни таълифи мақолаю рисола ва дигар маводи таълимӣ ва илмӣ-методӣ аз хулосаҳою натиҷагириҳои дар рисолаи мазкур овардашуда истифода намоянд.

Ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баромади довталаби дараҷаи илмӣ Носиров Саъдулло Шукулоевич, хулосаи мушовири илмии унвонҷӯ, доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф., муқарризон Каримзода М., доктори илмҳои педагогӣ, Мирзоев А.Р., доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Шербоев С., доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва музокираю муҳокимаҳои илмии иштирокчиёнро шунида,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи докторанти шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод

гардидааст, кори мустақилона баанҷомрасидаи илмӣ буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ дониста шавад.

2. Диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон" барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2024, протоколи № 09 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд, аз он ҷумла 2 нафар намоянда аз Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки шурои диссертатсионӣ дар назди он амал мекунад.

Натиҷаи овоздиҳии кушод: «Тарафдор» – 17 нафар; «Зид» – нест; «Бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа, доктори илмҳои
педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи
педагогика, психология ва методикаи
таълими ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Иматзода Л.М.

Котиби ҷаласа, ходими калони
илмии шуъбаи педагогика, психология
ва методикаи таълими ПРМ
ба номи А. Ҷомии АТТ Ҳасанзода Ю.

*Маълумот барои тамос:*
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.
Факс 227 45 25; тел.: 227 46 00
E-mail:prmatt@maorif.tj.

Имзои Л. Иматзода ва Ю. Ҳасанзодаро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.

ШУЪБАИ КАДРҲО